МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 83.3 (8212223-95 (5 тоҷ.))

**НОСИРОВ ОСИМБОЙ ОРИФОВИЧ**

# ВИЖАГИҲОИ МАВЗУИВУ ЖАНРИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ БАҲРИДДИН АЗИЗӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

ХУҶАНД – 2023

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муродӣ Мурод Бердӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

**Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон».

**Муассисаи пешбар:** **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».**

Ҳимояи диссертатсия 7-уми марти соли 2024, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии №10, толори шурои олимони факултети филология) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» ______ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Сироҷиддини Эмомалӣ**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони истиқлоли миллӣ омӯзиш ва таҳқиқ муҳимтарин масъалаҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла анъанаҳои рӯзноманигорӣ ва адабӣ вусъат пайдо кард. Аҳли таҳқиқ дар пажуҳиши масъалаҳои муҳимми соҳаҳои гуногуни ҷомеа бо диду назари нав муносибат намуда, дар ин росто асарҳои арзишманде офаридаанд, ки барои дарку шинохти асолат ва ҷанбаҳои миллӣ, илмиву адабӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳмияти забони тоҷикӣ дар саҳфаҳои таърихӣ сухан ронда, аз ҷумла мегӯяд, ки «... аз файзи Истиқлолият мо имкон пайдо кардем, ки омӯзишу таҳқиқи таърих, забон ва фарҳанги худро бидуни бими «ранҷишҳои дӯстон» ва бе ороишҳои дурӯғин, ки таърихи мо аслан ба он ниёз надорад, анҷом диҳем»[1]. Гуфтан бамаврид аст, ки пас аз фароҳам гардидани шароити мусоид дар соҳаи журналистика низ комёбиҳои ба назар намоён ба даст оварда шуданд, ки барои рӯзноманигории ватанӣ марҳилаи сифатан нав маҳсуб мешаванд. Маҳз дар замони истиқлоли миллӣ таҳқиқи масъалаҳои ниҳоят муҳим дар публитсистика ҷараён гирифт. Муҳаққиқони соҳаи журналистика тавонистанд бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ва бо дарназардошти таҳаввули журналистикаи ҷаҳонӣ мактаби нави пажуҳандагии журналистикаи миллиро асос гузоранд. Дар ташаккули чунин мактаб омилҳои гуногун, аз ҷумла сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву касбӣ таъсиргузор будаанд.

Бо шарофати истиқлоли миллӣ ба бисёре аз масъалаҳои илмӣ таҷдиди назар сурат гирифт. Истиқлоли давлатии кишвар барои омӯзиши илму адаб ва публитсистикаи давраи шуравӣ имкон ва шароити мусоид фароҳам овард. Ҳамин тавр, аҳли таҳқиқ ба рӯзгор ва осори адибону публитсистон, ки дар замони Шуравӣ бо ҷурми душмани халқ айбдор гашта маҳкум шуда буданд, бо диди тоза ва бо дарназардошти муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии давр муносибат намуданд. Чунин муносибат аз ҳадафҳои журналистикаи тоҷик маҳсуб мешавад.

Дар солҳои бистум ва сиюми асри XX публитсистон ва адибони зиёде бо вуҷуди саҳми арзанда барои ташаккули илму адаб ва журналистикаи тоҷик мавриди таъқиби сиёсӣ қарор гирифтанд ва умри қисме бо ин сабаб канда шуд. Яке аз журналисте, ки бо ҷурми сиёсати ноадолатонаи солҳои сиюми садаи XX аз омӯзишу пажуҳиши бунёдӣ дар канор монда буд, Баҳриддин Азизӣ аст. Муҳити сиёсиву иҷтимоии солҳои мазкур хеле мураккаб мебошад. Дарк накардани моҳияти сиёсии зиндагии нав, дуруст нафаҳмидани мавқеъ ва назари ҳамдигар, аҳли қаламро ба иштибоҳ гаравонида буд, ки аз ҳамдигар душман метарошиданд. Бар асари ин ноадолатиҳои иҷтимоиву сиёсии замон Баҳриддин Азизӣ ҳамчун адиби кулак саркӯб гардид ва аз арсаи журналистика ва адабиёт дур карда шуд. Ин муносибати сиёсӣ то охири солҳои 50-уми қарни гузашта идома ёфт ва бо дигар шудани вазъ аз садҳо бегуноҳон доғи судӣ гирифта шуд.

---

[1] Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 11.

Пас аз дигар шудани вазъ осори Баҳриддин Азизӣ низ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

Мавсуф аз саромадони журналистика ва адабиёти реалистии тоҷик аст, ки аз рӯйи тавону имкон дар ташаккули матбуоти даврӣ, инкишофи адабиёт ва публитсистикаи замони худ нақш гузоштааст. Бо шарофати эҷодиёти ӯ жанрҳои фелетон, гузориш, мақола, мухбирнома ва ҳикоя дар журналистика ва адабиёти муосири тоҷик таҳаввул ёфт, андешаи публитсистӣ тақвият пайдо кард, навъи тозаи ҳаҷв – ҳаҷви публитсистӣ шакл гирифт, заминаи ибтидоии нақди публитсистика ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, ду масъалаи асосӣ: равшанӣ андохтан ба муҳити сиёсиву иҷтимое, ки ба тарбияи шахсияти Баҳриддин Азизӣ таъсир гузоштааст ва бозназарӣ намудан ба вижагиҳои осори публитсистӣ ва адабии ӯ зарурат ва аҳаммияти пажуҳиши мавзуи мазкурро боз ҳам асоснок мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Роҷеъ ба рӯзгор ва осори Баҳриддин Азизӣ дар мақола ва рисолаҳои муҳаққиқони тоҷик изҳори назар шудааст. Аз ҷумла, дар пажуҳишҳои Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Соҳиб Табаров, Расул Ҳодизода, Маъруф Раҷабӣ, Салоҳиддин Солеҳов, Лариса Демидчик, Атахон Сайфуллоев, Абулҳай Маҳмадаминов, Абдухолиқ Набавӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Субҳони Аъзамзод, Дадаҷон Раҷабӣ перомуни шахсияти эҷодӣ ва хусусиятҳои осори Баҳриддин Азизӣ мулоҳизаҳои судманде баён гардидааст. Нависандагони тоҷик Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода низ доир ба хислатҳои шахсӣ ва вижагиҳои баъзе аз осори ӯ изҳори назар намудаанд.

Ҳамчунин, шахсият ва осори Баҳриддин Азизӣ аз назари муҳаққиқони соҳаи журналистика дар канор набудааст. Ин ҷо метавон аз Шукрӣ Иброҳим, Кенҷабой Юсуфзода, Пайванди Гулмуродзода, Аъзамҷон Азимов ва Мурод Муродӣ ёд кард.

Омӯзиш ва баррасии матбуот ва адабиёти солҳои 1920-1930 аз ҷониби адабиётшинос Лариса Демидчик низ сурат гирифтааст. Мавсуф низ перомуни шахсият ва осори Баҳриддин Азизӣ мулоҳиза ронда, ҷанбаъҳои зариф ва заифи осори ӯро муайян кардааст. Аз мулоҳизоти мавсуф метавон аз вазъи замони Баҳриддин Азизӣ огоҳӣ пайдо кард. Дар пажуҳишҳои муҳақиқон Баҳриддин Азизӣ ҳамчун публитсисту адиби ҳақиқатбаён ва иҷтимоигаро муаррифӣ мешавад. Аз ҷумла, Лариса Демитчик дар атрофи вижагиҳои матлабҳои Баҳриддин Азизӣ мулоҳиза намуда, ӯро аз пайравони Садриддин Айнӣ меҳисобад ва меафзояд: «С. Айнӣ ва Б. Азизӣ азобу кулфатҳои зиёдеро, ки пеш аз револютсия ҳамроҳи халқи худ аз сар гузаронида буданд, ба нияти аз гузаштаи шум огоҳ кардани ҷавонон тасвир мекарданд, то ки ҷавонон ба қадри имрӯз расанд ва дирӯзи худро фаромӯш накунанд. Хандахариш кардани гузашта ва тасвири истеҳзоомези он хусусияти хоси эҷодиёти онҳост»[1]. Маълум аст, ки муҳаққиқ бо ин мулоҳиза танқиду мазаммати гузаштаро аз ҷониби ин публитсист ва дигар нависандагон ба ҳаёти сангини пешинаи онҳо вобаста кардааст. Ин тарзи нигориш низ дар он замон роиҷ буд. Дар ин гуна

[1] Демидчик, Л. Таърихи адабиёти советии тоҷик.Ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 18.

мулоҳизаҳо фишори нақди замони Шуравӣ ба журналистон, адабиётшиносон ва мунаққидон бо истифода аз талаботи зарурӣ мушоҳида мешуд. Лариса Демидчик низ бо истифода аз ҳамин равиш тасвири сиёҳи замони гузаштаро аз ҷониби ин публитсистон, пеш аз ҳама, аз азобу уқубатҳои шахсии эшон донистааст. Ҳоло он ки ҳадафи аслии сиёсати замон сиёҳ нишон додани давраи гузашта буд, ки дар ин роҳ аз журналистон ва нависандагон низ ба таври васеъ истифода менамуд.

Муҳаққиқ Соҳиб Табаров бар он назар аст, ки Баҳриддин Азизӣ бо асарҳояш барои ташаккули адабиёти советии тоҷик саҳм гузоштааст. Ҳикояҳои ӯ сода буда, ба омма наздик мебошанд. «Баҳриддин Азизӣ дар якҷоягӣ бо Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Алӣ Хуш бо сардории Садриддин Айнӣ хиштҳои аввалинро ба девори насри реалистии муосири тоҷик низ гузошта буд»[1]. Таҳқиқ ва омӯзиши осори Баҳриддин Азизӣ нишон медиҳад, ки публитсист на танҳо яке аз поягузоророни насри реалистӣ маҳсуб мешавад, балки ӯ дар ҳамҷоягии ҳамдавронаш ба ташаккули якчанд жанрҳои журналистӣ ва ҳаҷви публитсистӣ асос гузоштааст.

Беҳуда нест, ки адабиётшинос Холиқ Мирзозода ба хусусиятҳои мундариҷавию жанрии осори Баҳриддин Азизӣ таваҷҷуҳ намуда, таъкид бар он мекунад, ки дар солҳои бистум ӯ дар қатори чандин равшанфикрони дигар дар қолаби ҳаҷв бештар асар эҷод намудааст[2].

Муҳаққиқ Атахон Сайфуллоев бар он назар аст, ки аксарияти эҷодиёти журналистон ва адибони солҳои бистум, аз ҷумла, Баҳриддин Азизӣ тарғиби гуманизми сотсиалистиро фаро мегирад[3].

Диққати муҳаққиқи дигари тоҷик Абдулҳай Маҳмадаминовро, асосан, тақризи ба «Намунаи адабиёти тоҷик» навиштаи Баҳриддин Азизӣ ҷалб намудааст[4]. Нақди А. Маҳмадаминов бар ҳимояи муаллифи «Намунаи адабиёти тоҷик» навишта шуда, баъзан иштибоҳоти муқарризи ин асарро бо овардани далелҳо ошкор ва рад менамояд. Мақолаҳои Ҷалол Икромӣ[5] ва Сотим Улуғзода[6] низ хусусияти нақдӣ дошта, ҳусну қубҳи асарҳои Баҳриддин Азизиро дар сояи сиёсати давр муайян намудаанд.

Аз муҳаққиқони соҳаи публитсистика ба осори Баҳриддин Азизӣ нисбатан бештар Мурод Муродӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ дар диссертатсияи номзадиаш «Ташаккули жанри тақризи адабӣ дар матбуоти даврии тоҷик солҳои 1920-1930», рисолаи илмиву таълимии «Тақриз ҳамчун жанр», мақолаи илмии «Ҳаҷв дар публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ»[7] ва монографияи «Публитсиситикаи ҳаҷвӣ» осори Баҳриддин Азизӣ, бахусус, тақриз ва ҳаҷвияҳои ӯро мавриди таҳлил қарор додааст. Мавсуф Баҳриддин Азизиро дар радифи зиёиёне мемонад, ки барои рушди публисиситика ва адабиёт матлабҳои

---

[1] Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт реализм. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 160-163.
[2] Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик (ҷ.2, қ.1). – Душанбе: Дониш, 1984. – С. 35.
[3] Сайфуллоев, А. Таърихи адабиёти советии тоҷик (ҷ.2, қ.2). – Душанбе: Дониш, 1984. – С. 247.
[4] Маҳмадаминов, А. Як ҷавобияи устод Айнӣ // Садои Шарқ. – 1982. – №4. – С. 171-181.
[5] Икромӣ, Ҷ. Чанд сухан // Шарқи сурх. – 1957. – №8. – С. 85.
[6] Улуғзода, С. Ғалаба // БАС. – 1932. – №5. – С. 24-26.
[7] Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 95.

зиёде навиштаанд ва бо он пойдевори публитсиситикаро гузоштаанд[1]. Бино ба таҳқиқи Мурод Муродӣ «мундариҷаи осори ӯ (Баҳриддин Азизӣ – Н.О.), хосса ҳаҷви публитсистиаш вобаста ба талаби айём масъалаҳои муҳимми рӯзро фаро гирифта, дар шакли луқма, фелетон, памфлет эҷод гардидаанд»[2]. Таҳқиқот нишон дод, ки осор, хосса публитсистикаи ҳаҷвии Баҳриддин Азизӣ дар омехтагии жанрӣ эҷод шудаанд. Дар луқмаҳояш хусусиятҳои мақола ва дар фелетонҳояш нишонаҳои памфлет ба мушоҳида мерасанд ва ҳикояҳои хурду ҳаҷвияш бо талаботи фелетон иншо гардидаанд.

Бо вуҷуди пажуҳишҳои илмиву оммавии зиёди самти журналистика ҳанӯз ҳам рӯзгор ва осори Баҳриддин Азизӣ, бо дарназардошти муҳити фарҳангиву адабии солҳои бистуму сиюми садаи ХХ, вижагиҳои мавзуиву жанрӣ, тарзи нигориш, маҳорати истифодаи воситаҳои тасвир ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии пажуҳиш муайян намудани раванди ташаккули шахсияти эҷодии Баҳриддин Азизӣ, таҳлил ва таҳқиқи осори публитсистӣ ва дар заминаи методҳои таҳқиқ муайян кардани хусусиятҳои мундариҷавию жанрии осори ӯ мебошад. Ҳамчунин, ҷустуҷӯи заминаҳои воқеият дар осори адабии публитсист мақсади дигари рисола аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Дар таҳқиқи осори Баҳриддин Азизӣ ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, шинохти зиндагӣ ва ташаккули эҷодии публитсист, муайян намудани мубрамияту моҳияти осори Баҳриддин Азизӣ ва ҳунари рӯзноманигории ӯ зарур мебошад. Аз ин ҷиҳат барои ба ин мақсад ноил гардидан ба дарёфти ҳалли вазифаҳои зерин кӯшиш намудем:

– таҳқиқи муҳити иҷтимоии замон, зиндагии адиб ва муносибати ӯ ба масъалаҳои ҷомеа, робитаҳои эҷодӣ бо аҳли илму адаб;

– тасниф ва баррасӣ намудани самтҳои фаъолияти эҷодии Баҳриддин Азизӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии публитсистикаи адиб ва таъсири он ба фазои журналистиву иҷтимоии замон;

– таснифи осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ аз рӯйи мавзуъ, муайян намудани мавқеи масъалаи мубрами рӯз дар публитсистикаи ӯ;

– мушаххас намудани махсусиятҳои чеҳрапардозӣ, кору пайкор ва хислати қаҳрамонҳои очеркҳои публитсист, сатҳи маърифату ҷаҳонбинӣ, муносибат бо мардум ва хисоили дигар;

---

[1] Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 95 - 100.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 95-100.

– муайян намудани таносуби воқеият ва бадеият, тасвир ва дарки моҳияти ҳодисаҳои рӯз дар ҳикояҳои Баҳриддин Азизӣ;

– баррасии осори нақдии публитсист;

– нишон додани маърифати иҷтимоӣ ва касбии журналист ва маҳорати нигорандагии ӯ дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ;

– муайян намудани вижагиҳои жанрии осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ ва мавқеи ҳаҷв дар эҷодиёти ӯ.

**Объекти таҳқиқ** эҷодиёти Баҳриддин Азизӣ, бахусус, мақола, очерк фелетон ва ҳикояҳои ӯ, ки дар матбуоти даврии солҳои 1920-1930 ва маҷмуаҳои алоҳида интишор гардидаанд, интихоб гардид.

**Предмети таҳқиқ.** Раванди ташаккули шахсияти эҷодии Баҳриддин Азизӣ ва вижагиҳои мавзуиву жанрии публитсистикаи ӯ дар алоқамандӣ ба муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии замони шуравӣ ба ҳисоб меравад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқро асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ – адабиётшиносон: Л. Демитчик, Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, С. Солеҳов, М. Раҷабӣ, А. Маниёзов, Ҷ. Бобокалонов, А. Набавӣ, публитсистикашиносон: И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Муқим, З. Муъминҷонов, Р. Бобоҷонова, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод ва хориҷӣ Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, А. Тертичний, М. Ким ва дигарон ташкил медиҳанд, ки барои дарки моҳияти асори Баҳриддин Азизӣ ва муайян намудани вижагиҳои онҳо моро раҳнамоӣ намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар омӯзиш ва пажуҳиш ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Баҳриддин Азизӣ, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимою фарҳангии ибтидои садаи ХХ аз усулҳои таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ истифода гардид.

Ҳамчунин, барои таҳқиқи осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ методҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки бо раҳнамоии онҳо хусусиятҳои мавзуиву жанрӣ, таносуби воқеияту бадеият, оҳангҳои иҷтимоӣ, арзишҳои адабӣ, муҳиммият ва аҳаммияти асарҳои алоҳидаи публитсист муайян карда шуд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ба сифати заминаҳои амалии таҳқиқ маводи публитсистии Баҳриддин Азизӣ, ки дар матбуоти солҳои 20-30-уми садаи ХХ, аз ҷумла дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Мулло Мушфиқӣ», «Мушфиқӣ», «Тоҷикистони сурх», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Бигиз» ва ғайра ба нашр расидаанд, истифода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал зиндагинома, фаъолияти эҷодии гуногунпаҳлуи Баҳриддин Азизӣ ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин зимн осори дар матбуоти даврии солҳои 20-30-юми асри ХХ интишоргардида ва парешони публитсист ҷамъоварӣ карда шуда, сабабҳои бадарға шудани ӯ муайян гардидаанд.

Инчунин, аҳвол ва зиндагиномаи публитсист, таносуби асарҳои публитсистӣ ва адабӣ, оҳангҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои публитсистии осори адабӣ, хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи адиб мавриди омӯзиши гуногунҷабҳа қарор дода шуда, мушаххасан нишон дода шуданд.

Ҳамчунин, мавзуи диссертатсия бо нигоҳи замони имрӯз ва бо дарназардошти вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии солҳои 1920-1930, вижагиҳои жанриву мундариҷавии осори публитсистӣ ва бадеиву публитсистии Баҳриддин Азизӣ таҳқиқу таҳлил шудааст, ки дар илми журналистикаи тоҷик муносибат ва натиҷагириҳои нисбатан нав аст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти эҷодии Баҳриддин Азизӣ аз рӯзноманигорӣ шуруъ гардида, баъдан дар самтҳои гуногун идома ёфтааст. Маҳсули фаъолияти эҷодии ӯро ба: а) публитсистика (публитсистикаи ҳаҷвӣ); б) осори адабӣ; в) нақди адабиёт ва публитсистика; г) тарҷумаҳо ҷудо намудан мумкин аст;

2. Осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ аз нигоҳи шакл дар қолаби жанрҳои публитсистии репортаж, мухбирнома, тақриз, мақола, лавҳа, очерк ва фелетон эҷод гардидаанд;

3. Баҳриддин Азизӣ бо сиёсати давр ба таври абад маҳкум шудааст. Яке аз сабаби «душмани халқ» ва «зарарраcони сотсиалистӣ» гунаҳкор донистани Баҳриддин Азизӣ он аст, ки ӯ хатмкардаи мадраса мебошад ва падараш дар замони худ муфтиву мударрис буд. Сабаби дигар дар он аст, ки мавсуф дар бештари мақолаҳояш аз манфиатҳои миллӣ ҳимоят карда, аз тоҷик будани мардуми Самарқанду Бухоро ва атрофи он, дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон бо забони узбекӣ ҷараён гирифтани дарсҳо ва ғайри тоҷик будани роҳбарону аграномҳо дар колхозу совхозҳо ибрози назар карда, шадидан масъулинро маҳкум мекунад;

4. Сабаби асосии дар қолаби ҳаҷв эҷод кардани Баҳриддин Азизӣ тақозои иҷтимоиву сиёсии замон бошад ҳам, ҷуръати шаҳрвандӣ ва сатҳи баланди қобилияти нигорандагии ӯ аст. Ҳаҷвиёти ӯ танқиду мазаммати хислату рафторҳои бад («Сартарош», «Бори зарурӣ», «Қурбонӣ»), амалҳои номатлуби ашхоси алоҳида («Аз масҷид ба клуб», «Зарбдор ва зарбадор», «Номмонӣ») ва камбудиҳои иҷтимоиро («Зайнит», «Ғирча пиёз мехоед», «Хурҷин») фаро мегирад;

5. Дар публитсистикаи ҳаҷвии Баҳриддин Азизӣ воқеият ва бадеият таносубан ҳамвазн буда, муаллиф дар ифшо ва танқиди нуқсонҳои иҷтимоӣ аз воситаҳои тасвири сухан: зарбулмасалу мақол, таъбиру ибораҳои фразеологӣ ва аносири ҳаҷвсоз: кинояву маҷоз, ташбеҳу истиора моҳирона кор гирифтааст;

6. Баҳриддин Азизӣ аз ҷумлаи муқарризоне аст, ки аввалин шуда, ба асари С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» тақризи ҳамном навиштааст, ки боиси мубоҳисаҳои зиёд байни аҳли илм ва адаб гардидааст, ки дар бораи ҷасорати шарҳвандии ӯ шаҳодат медиҳад;

7. Дар аксари ҳикояҳои Баҳриддин Азизӣ худи муаллиф қаҳрамон аст ва мушкилоти ҷомеа аз забони ӯ нақл карда мешавад («Сартарош», «Таҷриба»,

«Корди меҳтарҳо болои равған»). Бо чунин тарз иншо кардани ҳикоя онро ба жанрҳои журналистӣ – репортаж ва мухбирнома наздик карда, мавқеи муаллифро равшантар кардааст;

8. Мавзуъ ва мундариҷаи осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ, ифодагари масъалаҳои замон буда, асарҳои ӯ аз нигоҳи вижагиҳои инъикос ва тасвир ҷанбаи бадеӣ ва ҳам ҷанбаи публитсистиро дорост.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ ихтисос дошта, дар ғанӣ гардонидани ду самти илми журналистикаи тоҷик: таърихи публитсистика ва асосҳои фаъолияти эҷодӣ таъсир гузошта метавонад. Диссертатсия ва маводи чопшудаи марбут ба он донишҳои назариро доир ба публитсистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии рӯзноманигорӣ афзуда, холигиро дар ин росто пур мекунад. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии дар натиҷаи таҳқиқ бадастомада барои таҳқиқи маводи матбуоти даврӣ, осори публитсистӣ, публитсистию бадеӣ, вазъи сиёсӣ ва илмиву адабӣ, хусусиятҳои мавзуиву жанрии матбуоти даврии солҳои 20-30-юми асри XX мусоидат карда метавонад.

Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи публитсистика, таърихи журналистикаи тоҷик истифода кард. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия, хусусан, ҳангоми тадриси таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, мактаб ва ҷараёнҳои публитсистӣ ба кор хоҳад омад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия «Вижагиҳои мавзуиву жанрии публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ» ба шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот дар ҷамъоварии маводи матбуоти даврии солҳои 20-30-юми асри XX, омода намудани маърузаҳо доир ба мавзуъ, суханронӣ дар ҳамоишҳои илмӣ, таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мешавад. Андешаҳои назарӣ, ҳамчунин хулосаҳои илмӣ дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2015-2023) интишор ёфтаанд. Аз ҷумла доир ба мавзуъ диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии «Воҳид Асрорӣ – адабиётшинос ва журналисти номвар» (Хуҷанд, 19.12.2017), «Масъалаҳои матбуоти маҳаллии ҳавзаи Суғд дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд, 9.03.2019), «Журналистикаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» (Хуҷанд, 2021), конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» маърӯза хондааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 30.10.2023 (Суратҷаласа №6) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 190 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ иборат мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

**Дар муқаддимаи** диссертатсия аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

Боби аввал «**Рӯзгор ва мероси публитсистиву адабии Баҳриддин Азизӣ»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли якум – **«Замони зиндагӣ ва ташаккули шахсияти эҷодии публитсист»** замони зиндагӣ ва ташаккули шахсияти эҷодии Б. Азизӣ дар заминаи пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷик Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, С. Табаров, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Набавӣ, А. Маҳмадаминов, С. Амирқулов, Л. Демитчик ва омӯзиши бевоситаи маълумотҳои шарҳиҳолии публитсист мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Омӯзиш ва таҳқиқи асарҳои илмии ин олимон собит менамояд, ки афкору андешаи онҳо асосан, дар маҳдудаи нақди шуравӣ буда, мулоҳиза ва баррасиҳо тибқи тақозои сиёсати адабии замон шакл гирифтааст.

Ҳамчунин, М. Раҷабӣ, М. Шакурӣ, М. Муродӣ, С. Аъзамзод, Ш. Иброҳим, К. Юсупов, Д. Раҷабӣ ва дигарон дар пажуҳишҳои худ ба вазъи замони Азизӣ ва муносибати ӯ ба воқеоти ташвишовари сиёсӣ баҳои мунсифона додаанд.

Дар ин фасл дар заминаи омӯзиши муфассали зиндагиномаи Баҳриддин Азизӣ муайян карда шуд, ки ӯ соли 1895 дар шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) дар оилаи муфтӣ ба дунё омадааст. Падараш, ки яке аз равшанфикрони замон буда, бо тахаллуси Ҳазмӣ шеър ҳам менавишт, фарзанди худро ба хатту савод ошно кардааст. То понздаҳсолагиаш дар зодгоҳи худ таҳсилро давом дода, соли 1910 ба мадрасаи Девонбегии шаҳри Бухоро дохил шудааст. Кенҷабой Юсуфов – мураттиби маҷмуаи «Зани директор» ёдовар мешавад, ки Баҳриддин Азизӣ соли 1910 бо тасмими падараш дар синни понздаҳсолагӣ ба мадрасаи Девонабегии шаҳри Бухоро дохил мешавад ва

таҳсили илм менамояд[1]. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ин маълумот ин зайл гуфта мешавад: «… Баҳриддин Азизӣ аввалан дар мадрасаи Ӯротеппа (Истаравшан), сипас соли 1916 дар мадрасаи Девонабегии Бухоро таҳсил намудааст»[2]. Омӯзиш ва таҳқиқот нишон медиҳад, ки иттилои Кенҷабой Юсуфов, яъне соли 1910 дар мадрасаи Девонабегӣ таълим гирифтани Баҳриддин Азизӣ саҳеҳтар аст, зеро ӯ соли 1917 шуъбаи ғоибонаи омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Тошкандро хатм намудааст. Вақте ки ҷадидкушӣ дар Бухоро (1918) оғоз мегардад ва бо фармони амир муллобачаҳоро таъқиб мекунанд, Баҳриддин Азизӣ Бухороро тарк карда, ба зодгоҳаш бармегардад.

Дар ин фасли диссертатсия таъкид мешавад, ки дар зодгоҳаш ӯро ҳамчун ходими маориф дар роҳи инқилоби маданӣ эътироф мекунанд ва вазифаи мудири маорифи шаҳри Ӯротеппаро ба дӯшаш мегузоранд. Мавсуф нахустин мудири маорифи шаҳр маҳсуб мешавад. Таъсиси як қатор мактабҳои шуравӣ, ташвиқу тарғиби илму маориф дар шаҳри Ӯротеппа бо номи Баҳриддин Азизӣ алоқаманд буданаш дар фасли мазкур муайян карда шудааст.

Тадқиқотҳои собит сохт, ки аз солҳои 1925 сар карда, ӯро дар комитети иҷроияи шаҳр ба кор таъйин мекунанд. Баъдан, чанд муддат дар суди халқии шаҳри Ӯротеппа ва дар суди олӣ низ хизмат кардааст. Нависандаи маъруфи тоҷик Ҷалол Икромӣ перомуни шахсият ва фаъолияти Баҳриддин Азизӣ менигорад, ки мавсуф бо қобилияти эҷодии худ аз мактабу маориф ба кори журналистӣ ва матбуот гузаштааст.[3]

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки Баҳриддин Азизӣ чун журналист ва котиби масъул дар маҷаллаи «Бигиз» фаъолият кардааст. Аз фелетони «Ширу шакар» низ маълум мешавад, ки ӯ дар идораи маҷалла кори рӯзноманигориро анҷом медиҳад. Дар мақолаи «Инкишофи забони тоҷикӣ» Турақул Зеҳнӣ низ таъкид менамояд, ки Баҳриддин Азизӣ дар қатори дигар равшанфикрони ҳамзамонаш дар матбуоти даврӣ, хосса дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаҳои зиёд нашр намудааст ва чун мухбир кор кардааст[4].

Дар ин фасли диссертатсия ба режими сталинӣ гирифтор шудан, ҳукми абад гирифта, маҳкум гардидан ва дар маҳбас фавтидани публитсист дар заминаи сарчашмаву фактҳои зиёд таҳлил ва баррасӣ шудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои таърихиву илмӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ собит намуд, ки доир ба таърих ва макони вафоти Баҳриддин Азизӣ маълумот гуногунанд. Дар ин хусус маълумотҳои қомусҳои «Энсиклопедияи советии тоҷик», «Тазкираи адибони вилояти Суғд», «Писатели Таджикистана», «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» якхела буда, таъкид шудааст, ки Баҳриддин Азизӣ соли 1944 дар ватанаш фавтидааст. Омӯзиши маводи матбуоти даврӣ ва маълумоти бойгониҳои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан ва Тошканд нишон дод, ки дар хусуси аз ҳабс озод шудани Баҳриддин Азизӣ маълумоте дарҷ

---

[1] Азизӣ, Б. Зани директор. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 4.
[2] Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1988 – С. 112.
[3] Икромӣ, Ҷ. Чанд сухан // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 5 феврал.
[4] Зеҳнӣ, Т. Инкишофи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ // Маориф ва маданият, 18-октябри 1977.

нагардидааст. Бино ба маълумоти Шукрӣ Иброҳим Баҳриддин Азизӣ соли 1944 дар вилояти Калимаи Сибир баъди ранҷу азоб дар маҳбас фавтидааст[1].

Дар солҳои 30-юми асри XX ва пас аз маргаш як қатор маҷмуаҳои публитсист нашр гардидаанд, ки дар ҷадвал чунин аст:

**Ҷадвали 1**

| **Номгӯйи асар** | **Шакли асар** | **Шумораи мавод** | **Соли нашр** |
|---|---|---|---|
| Янги шукуфа... | Асари манзум | 444 мисраъ | 1917 |
| Ғалаба | Асари манзум | 238 мисраъ | 1932 |
| Зарбдор | Асари мансур | 9 ҳикоя | 1932 |
| Ду ҳариф | Асари манзум | 128 мисраъ | 1932 |
| Тоҷихон | Асари манзум | 202 мисраъ | 1934 |
| Ҳасани якдаста | Асари манзум | 1340 мисраъ | 1936 |
| Қурбонӣ | Асари мансур | 12 ҳикоя | 1937 |
| Ҳикояҳо | Асари мансур | 22 ҳикоя, фелетон | 1962 |
| Зани директор | Асари мансур | 39 ҳикоя, фелетон ва очерк | 1985 |

Д. Раҷабӣ зимни муайян намудани зиндагии фоҷиавии Бектош ёдрас мешавад, ки зани Баҳриддин Азизӣ низ ба монанди занони адибони дигар дар маҳбас азобу шиканҷа кашидааст[2]. Ба назари мо ин андеша баҳсангез менамояд, зеро Кенҷабой Юсуфзода дар сарсухани китоби «Зани директор» аз забони духтари Баҳриддин Азизӣ - Мусаввада Азизова меорад, ки соли 1937, пас аз кӯч бастани идораи маҷаллаи «Бигиз» аз Самарқанд ба Тошканд Баҳриддин Азизӣ рухсатии меҳнатӣ гирифта ба Истаравшан меравад. Дар ин вақт завҷааш вафот мекунад ва ӯ маросими дафни завҷаашро мегузаронад[3].

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки Баҳриддин Азизӣ ва дигар олиму нависандагон дар марҳалаи дуюм қурбони режими сталинӣ шуданд. Ба назари Д. Раҷабӣ «...тири «ҳуҷум» бештар бар зидди кормандони маданият ва санъат – шоирон, нависандагон, рассомон, оҳангсозон, актёрони кино ва театр, ба муқобили олимон, омӯзгорони мактабҳои ибтидоӣ, маълумоти умумӣ, миёна ва олӣ, мураббиёни МТС-ҳо, омӯзишгоҳу техникумҳо нигаронида шуд»[4].

Таҳқиқ нишон дод, ки яке аз сабабҳои ба «душмани халқ», «ғаддори аксулинқилобӣ», «зараррасони сотсиалистӣ» гунаҳкор донистану маҳкум намудани Баҳриддин Азизӣ хатмкардаи мадраса ва аз адабиёти классикии тоҷик огоҳии хуб доштанаш будааст. Ҳамчунин, муфтиву мударрисии падараш, ки Бахриддин Азизӣ таълими нахустини худро аз ӯ гирифтааст, ба «душман» шуданаш баҳона гардидааст. Ба назари мо яке аз сабабҳои асосии дар феҳрасти «душманони халқ» қарор гирифтани номи Баҳриддин Азизӣ дар он аст, ки мавсуф дар бештари мақолаҳояш – «Узбакии зӯракӣ», «Ба муносибати

[1] Азизӣ, Б. Ашъори мунтахаб. – Истаравшан: Матбуои Ӯротеппа, 2015. – С. 9.
[2] Раҷабӣ, Д. Осмони хамида. – Хуҷанд: Р. Ҷалил, 1998. – С. 89-90.
[3] Азизӣ, Б. Зани директор. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 6.
[4] Раҷабӣ, Д. Осмони хамида. – Хуҷанд: Р. Ҷалил, 1998. – С. 125-126.

тақсимоти минтақагӣ», «Уротеппа дар майдони кишту кор», «Мактуб аз Хуҷанд» ва ғайра аз манфиатҳои миллӣ ҳимоят карда, дар аксар ҳолат аз тоҷик будани мардуми Самарқанду Бухоро ва атрофи он, дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон бо забони узбекӣ ҷараён гирифтани дарсҳо ва ғайри тоҷик будани роҳбарону агрономҳо дар колхозу совхозҳо ибрози нигаронӣ карда, амали масъулинро зери танқид гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби якум – **«Таснифи осори публитсистӣ ва адабии Баҳриддин Азизӣ»** маҳсули фаъолияти эҷодии Б. Азизӣ аз нигоҳи хусусиятҳои жанрӣ, бахусус, фаъолияти ҳаҷвнигории ӯ дар алоқамандӣ ба муҳити адабӣ, вижагии публитсистикаи замон, муносибати эҷодкорон ба сиёсату равишҳои бунёдии фазои эҷодӣ таҳлил ва афзалияти самти эҷод равшан гардидааст.

Аз нуқтаи назари нақди касбӣ аксари нигоштаҳои Б. Азизиро дар замони эҷод ва тули ҳукмронии шуравӣ, ки аз ҷониби мунаққидону адабиётшиносон чун ҳикоя шинохта шудааст, метавон публитсистика номид. Эҷодиёти Б. Азизӣ мушкилиҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва камбудиҳои шахсони муайянро фаро гирифта, ғолибан мақсади ислоҳро дорад.

Фелетонҳои «Ширу шакар», «Хурҷин», «Формализм ба чӣ маънӣ», «Деҳ куҷо дарахтон куҷо», «Анбори гул», «Зайнит», «Ғирча пиёз мехоед» ва ғайра масъалаҳои муҳимми ҳаёти халқ, хосса мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсат, забон, фарҳанг ва адабиётро фаро гирифта, на танҳо дар замонаш, балки имрӯз ҳам аз беҳтарин намунаи публитсистикаи ҳаҷвӣ шинохта мешаванд.

Ҳамчунин, дар ин фасл вижагиҳои осори адабӣ, нақди адабию публитсистӣ, ва тарҷумаҳои адиб тасниф ва ба таври мухтасар арзёбӣ шудаанд. Таҳлилу баррасии ҳикоя, тақриз ва корҳои тарҷумаи публитсист нишон медиҳанд, ки мавқеи ӯ дар баррасии масоили муҳимми рӯз устувор ва масъалагузоиҳояш қатъӣ будааст.

Баҳриддин Азизӣ, чунончи М. Муродӣ дарёфтааст, зуд ба сохт ва сиёсати ҷомеаи нав унс гирифта, қонуниятҳои инкишофи онро на танҳо риоя кардааст, балки барои рушди он бо эҷоди мақолаву ҳикояҳояш саҳми назаррасе гузоштааст[1].

Таҳлил ва таҳқиқи осори Баҳриддин Азизӣ моро мутмаъин месозад, ки ӯро чун қаламкаши равшанфикр, донандаи хуби забон ва адабиёт, публитсисти оташинсухан ва адиби нотарси замони худ дарёбем. Мақолаҳои илмии ӯ шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллифашон дар баёни матлаб ва асоснок кардани он муносибати ҷиддӣ ва амиқ дорад, ба далелҳои таърихӣ рӯ меорад, ҳувияти миллиро ба инобат мегирад.

Боби дуюм **«Махсусиятҳои мундариҷавию жанрии асарҳои Баҳриддин Азизӣ»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад ва мазмуну мундариҷаи осори публитсистӣ ва адабӣ, вижагиҳои жанрии публитсистикаи Баҳриддин Азизиро фаро мегирад.

[1] Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 141.

Дар фасли аввали ин боб – «**Хусусиятҳои мавзуӣ ва мундариҷавии осори публитсистӣ, адабӣ ва илмии Баҳриддин Азизӣ**» тақриз, ҳикоя ва мақолаҳои илмии публитсист нақду баррасӣ шудаанд.

Таҳлил ва ковишҳои мо нишон дод, ки публитсистикаи Б. Азизӣ мавзуъ ва масъалаҳои муҳимми замон ва дархӯр ба манфиати тоҷиконро дар бар мегирад. Аз ҷумла, масъалаҳои пантуркизм, тақсимоти милливу марзӣ, баҳсҳои адабиёт, забон, алифбо ва хат дар публитсистикаи ӯ ҷойгоҳи хосса доранд. Б. Азизӣ, ҳамчун фарзанди замони худ, ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва вазъи сиёсӣ онҳоро ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи худро равшан нишон додааст. Гуфтан бамаврид аст, ки мақолаҳои Б. Азизӣ барои омӯхтани вазъ ва дараҷаи таҳлилу баррасии масъалаҳои он замон аҳаммиятноканд.

Дар фасли мазкур ҳақиқати баҳсҳо перомуни пантуркизм ва иштироки Баҳриддин Азизӣ дар онҳо дар заминаи таҳлили мақолаҳои «Узбакии зӯракӣ»[1] ва «Ба муносибати тақсимоти минтақагӣ»[2] равшан гардидааст. Имрӯз мақолаи «Узбакии зӯракӣ» дар дарки вазъи адабӣ ва сиёсӣ, равшан намудани равандҳои сиёсати худхоҳ ва фаҳмидани мақсаду аҳдофи пантуркистони замон чун сарчашмаи муҳимми таърихӣ хидмат карда метавонад. Б. Азизӣ дар ин мақола таъкид менамояд, ки яроқи асосии пантуркистон матбуоти даврӣ ба шумор мерафт ва тавассути рӯзномаву маҷаллаҳои худ ҷомеаро аз қафои худ мебурданд[3].

Фарогирии мавзуъҳои осори публитсистӣ ва адабии Баҳриддин Азизиро метавон чунин дастабандӣ кард:

**Ҷадвали 2**

| **Номгӯи мазуъҳо** | **Теъдод** |
|---|---|
| Масъалаҳои пантуркизм ва миллиятгароӣ | 8 мавод |
| Тақсимоти милливу марзӣ | 3 мавод |
| Масъалаҳои адабиёт ва адабиётшиносӣ | 5 мавод |
| Масъалаҳои забон ва алифбо | 10 мавод |
| Танқиди одатҳои кухна ва тарғиби сиёсати давлати шуроӣ | 14 мавод |
| Танқиди амалҳои номатлуби шахсони воқеӣ (роҳбарони фориғбол) | 7 мавод |
| Маҳкумсозии сиёсати Гитлер ва фашизм | 4 мавод |
| Масъалҳои гуногуни рӯзмарра | 47 мавод |

Дар ин фасл баҳси маъруфи Б. Азизӣ ва С. Айнӣ перомуни «Намунаи адабиёти тоҷик» низ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷанбаҳои мусбат ва манфии тақризи Б. Азизӣ ва шеваи ҷавоби С. Айнӣ ба ин тақриз ба таври илмӣ ва холисона муайян карда шудааст. Ин тақриз дар замони таълиф ва баъди он байни равшанфикрону донишмандон баҳсҳои зиёдеро ба бор оварда, ба сифати намунаи тақризи вургарӣ арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, адабиётшинос А.

[1] Азизӣ, Б. Узбакии зӯракӣ // Тоҷикистони сурх.– 1928.–30 ноябр.
[2] Азизӣ, Б. Ба муносибати тақсимоти минтақагӣ // Овози тоҷик. – 1926. – 18 август.
[3] Азизӣ, Б. Узбакии зӯракӣ // Тоҷикистони сурх. – 1928. – 30 ноябр.

Маҳмадаминов аввал дар мақолаи ҷудогона[1] ва дертар дар монографияи худ[2] махсус ба ин масъала тавақҷуҳ намуда, ба тақризи Б. Азизӣ баҳои илмӣ додааст. Ба назари ӯ «Баҳриддин Азизӣ ҳангоми таҳлили «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ҳақиқати масъала дур шудааст»[3]. Назари муҳаққиқ Р. Ҳодизода бошад ба тақризи Б. Азизӣ андаке дигар аст. Ӯ бо вуҷуди ошкор намудани камбудиҳои Азизӣ, ба чунин хулоса омадааст, ки «мақолаи Баҳриддин Азизӣ чандин факту далелҳои нодуруст дошта бошад ҳам, аммо гуфтан мумкин нест, ки бадхоҳона навишта шудааст»[4] М. Раҷабӣ низ доир ба баҳси Азизӣ ва Айнӣ чунин ибрози андеша менамояд: «Мубоҳисаи машҳури миёни устод Айнӣ ва Азизӣ … оид ба «Намунаи адабиёти тоҷик» … низ дар роҳи аз худ кардани нақд тафаккури тоза аст»[5].

Ба назари мо дар тақризи Б. Азизӣ ҳам ҳусни «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ҳам қубҳи он дар доираи фаҳмиш ва дониши муқарриз арзёбӣ шудааст[6]. Ба ин манзур Азизии муқарриз дар ҳавзаи нақди публитсистӣ ҳамчун қолабшикан ва дорои ҷасорати адабӣ шинохта мешавад ва тақризи ӯ барои омӯзиши фазои эҷодӣ ва давраи ташаккули нақди адабӣ, адабиёт ва илм хидмат карда метавонад. Он ҳарчанд бо сабки нақди дурушт таълиф шуда бошад, адибро чун мунаққиди бохабар, олиму донишманд нишон медиҳад.

Дар ин фасл боз якчанд масъалаҳои публитсистӣ ва адабӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби дуюм, **«Вижагиҳои жанрии публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ»** ном дорад, хусусиятҳои жанрии осори публитсистӣ ва бадеӣ-публитсистии ӯ мавриди муҳокима қорор гирифтаст. Дар инъикос ва баррасии масъалаҳои муҳимми давр Б. Азизӣ бештар аз аносири жанрии репортаж, мухбирнома, тақриз, мактуб, лавҳа, очерк ва фелетон истифода намудааст. Дар диссертатсия таносуби вижагиҳои ин матолиб дар доираи талаботи жанрӣ бо нишон додани муваффақияту камбудиҳо ба таври муфассал таҳлил шудааст.

Дар публитсистикаи Б. Азизӣ усули баёни ҳаҷвӣ афзалият дорад. Маҳорату санъати ҳаҷвгуфторӣ боис шудааст, ки ӯ аз имконоти жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ, хосс фелетон истифода намояд ва ба ин васила ба нигоштаҳояш ҷолибӣ ва муассисрӣ бахшад. Баъзе аз фелетонҳои Азизӣ аз нигоҳи жанрӣ хусусияти синтезӣ касб намудаанд. Яъне, дар онҳо воқеа, нақл, тасвир ва ҳаҷв пайи ҳам омада, унсурҳои публитсистӣ ва бадеӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд. Ба ин манзур, дар баъзе фелетонҳо унсурҳои ҳикоя афзалият пайдо кардаанд. Ба гунаи мисол, фелетонҳои «Ширу шакар», «Деҳ куҷо дарахтон куҷо», «Зайнит»-ро метавон зикр намуд. Бо вуҷуди ин аксари фелетонҳои Азизӣ, аз ҷумла фелетонҳои назмии «Таронаи рамазон», «Аз нафақа ман

[1] Маҳмадаминов, А. Як ҷавобияи устод Айнӣ // Садои Шарқ. – 1982. – С. 171-181.
[2] Махмадаминов, А. Поиски истины.– Душанбе: Сино, 1994. – С. 120.
[3] Махмадаминов, А. Поиски истины.– Душанбе: Сино, 1994. – С. 34.
[4] Ҳодизода, Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти точик / Р. Ҳодизода.– Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 132.
[5] Солеҳов, С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷики солҳои 20-30. – Душанбе: Дониш, 1969. – С.118.
[6] Азизӣ, Б. Намунаи адабиёти тоҷик // Овози тоҷик. – 1927. – 23 феврал, 2 март, 8 март.

безор», «Хушомадчӣ» дар заминаи факту арқом, навишта шуда, қаҳрамонҳояшон шахсони воқеӣ мебошанд, танҳо муаллиф дар номгузории асарҳо аз унсурҳои образӣ истифода кардааст. Ин усул дар лавҳа ва очеркҳои ӯ низ мушоҳида мешавад. Бахусус, дар лавҳаҳои проблемавии «Хидматчии магозини «Текстил тувар» бадмуомила аст», «Зани комиссияи «ҳуҷум» кулфати фаранҷиро мекашад», «Овози тоҷик» таъсир кард», ҳаҷман кӯтоҳ ва муъҷаз бошанд ҳам, муаллиф аз аносири бадеӣ – номи худсохт, тасвир ва муболиғa моҳирона истифода кардааст.

Шумораи осори публитсистӣ ва адабии Баҳриддин Азизиро аз нигоҳи жанрӣ метавон ба таври зайл дастабандӣ намуд:

**Ҷадвали 3**

| Жанр | Шумора |
|---|---|
| Фелетон | 43 адад |
| Мақола | 15 адад |
| Репортаж | 7 адад |
| Мухбирнома | 4 адад |
| Тақриз | 3 адад |
| Луқма | 5 адад |
| Очерк | 2 адад |
| Ҳикояҳои воқеӣ | 14 адад |
| Ҳикояҳои бадеӣ | 26 адад |
| Шеър ва достонҳо | 2352 мисраъ |

Баҳриддин Азизӣ дар замоне зиндагӣ ва эҷод кардааст, ки жанрҳои журналистӣ дар ҳолати пайдоиш ва ташаккул қарор доштанд. Дар зуҳур ва шаклгирии жанрҳои матбуотӣ аксари адибону публитсистони замон саҳм гирифтаанд, ки Азизӣ истисно набудааст. Ӯ ба хусус дар шаклгирии жанрҳои репортаж, луқма, очерк, фелетон ва дигар жанрҳо фаъол будааст. Инро нигоштаҳои ӯ, бахусус, дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Мулло мушфиқӣ» собит месозад. Аксари нигоштаҳои Баҳриддин Азизӣ, хосса ҳаҷвиёти ӯ аз нигоҳи жанрӣ имрӯз низ вижагиҳои худро муаррифӣ карда метавонад.

Боби сеюми диссертатсия **«Мавқеи ҳаҷв дар публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ»** унвон дошта, аз ду фасл: **«Вижагиҳои умумӣ ва хоссаи ҳаҷвиёти Баҳриддин Азизӣ»** ва **«Таносуби воқеият ва бадеият дар осори ҳаҷвии Баҳриддин Азизӣ»** таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали ин боб мубо于ризаҳои Б. Азизӣ бо хурофоту одатҳои куҳна, боқимондаҳои ҳаёти феодалӣ, тавсифи ҳодисаҳои нави маишӣ, тарзи зиндагонии нави советӣ таҳқиқу таҳлил шуда, мавқеъ ва ҷасорати ӯ дар ин самт муайн гардидааст.

Б. Азизӣ дар радифи адибони замон фелетон ва ҳикояҳои ҳаҷвии худро дар мавзуъҳои муҳимми рӯз - иҷтимоиёт, сиёсат, забон, адабиёт, фарҳанг ва ғайра эҷод кардааст. Фелетон ва ҳикояҳои ӯ, аз ҷумла «Бедонабозӣ», «Зани директор», «Як қубба кӯкнор», «Сартароши сергап», «Подшоҳ-подшоҳ»,

«Қурбонӣ» ва ғайра на танҳо дар эҷодиёти худаш, балки дар адабиёт ва матбуоти солҳои 20-30-юми садаи XX аз беҳтарин осор маҳсуб мешаванд. Ин асарҳо ҳарчанд аз аносири ҳунарӣ, тахаюлу тасвир орӣ нестанд, аммо дар онҳо воқеияти замон бо факту арқом низ бартарӣ дорад, ки шаҳодат аз публитсистикаи онҳо медиҳад.

Омӯзишҳо маълум намуд, ки дар публитсистикаи ҳаҷвии Б. Азизӣ хосса, асарҳои «Зани директор», «Худкардаро даво нест», «Зарбдор ва зарбадор» як василаи танқид ва хандидан ба амалу рафтори номатлуби амалдорону роҳбарон, шахсони масъул мебошад. Муаллиф, бо вуҷуди тасвиргарой дар масъалагузорӣ ва баррасии онҳо муносибати журналистӣ намуда, ҳалли ҳарчӣ зудтари проблемаҳоро талаб мекунад.

Баҳриддин Азизӣ, ки оғози эҷодиёташ шеър будааст, дар тули фаъолияти эҷодӣ аз ин қолаб даст накашида, баъзе фелетонҳои худро дар қолаби назм таълиф намудааст. Фелетонҳои «Мубориза бо чиркинӣ»[1], «Таронаи рамазон»[2], «Раби ман»[3], «Таронаи рондашуда»[4], «Аз нафақа ман безор»[5], «Ҷалил қиморбоз чӣ мегӯяд»[6], «Хушомадчӣ»[7] ва ғайра аз намунаи ҳамин қабил асарҳоянд, ки оҳанги ҳаҷвӣ ва иҷтимоиашон нисбатан баланд аст. Тавсифи қаҳрамони воқеӣ, ишораи факту арқом ва хати мушаххаси сужа чунин асарҳоро таносубан ба публитсистика наздик намудааст.

Дар фелетон ва асарҳои ҳаҷвии Б. Азизӣ – «Зани директор», «Як қубба кӯкнор», «Сартароши сергап», «Подшоҳ-подшоҳ», «Қурбонӣ», «Зайнит» ва ғайра ханда мақоми аввалро ишғол намекунад ва мақсади муаллиф низ ин нест. Мақсади муаллиф бо сухани ҳаҷвӣ баёни воқеаи муҳим, мубрам ва танқиди масъалаву мушкилоти мавҷудаи замон – танқиди бою муллоҳо, мазамматн урфу одатҳои гузашта, амалҳои номатлуби мудирони колхозҳо, камбудии коргоҳҳои маишӣ будааст. Ин хусусият дар аксари асарҳои Б. Азизӣ ба назар мерасад.

Ҷойи шубҳае нест, ки Баҳриддин Азизӣ яке аз поягузорони ҳаҷви публитсистии тоҷик маҳсуб меёбад. Ӯ тавассути эҷоди як қатор мақола, лавҳаҳои ҳаҷвиву танқидӣ, фелетонҳо дар самти инкишофи ҳаҷви матбуотӣ саҳми арзанда гузоштааст. Публитсист дар баробари аз вазъи замон огоҳ будан ва бо такя аз руҳияи сиёсӣ матлаб эҷод кардан, чун як фарди фаъоли ҷомеа дар ифшо ва баррасии муҳимтарин масъалаҳои замони зиндагиаш, ки мавзуъҳои муҳим маҳсуб мегардиданд, бетараф набудааст ва дар ин замина бо ҳаҷвиёти худ барои ташаккули тафаккури танқидӣ саҳми бориз гузоштааст. Ба назар чунин мерасад, ки ӯ бо ибрози лутфомез ва интиқодии назар ба масъалаҳо муҳиммият бахшида, роҳи ҳалли онҳоро ба зудӣ ва ҳатман тақозо мекунад.

---

[1] Азизӣ, Б. Ашъори мунтахаб. – Истаравшан: Матбуоти Уротеппа, 2015. – С. 43.
[2] Азизӣ, Б. Таронаи рамазон // Мулло Мушфиқӣ. – 1927. – №5. – 17.
[3] Азизӣ, Б. Раби ман // Бигиз. –1935. – №7. – С. 3.
[4] Азизӣ, Б. Таронаи рондашуда // Мулло Мушфиқӣ. – 1929. – №6. – С.7.
[5] Азизӣ, Б. Аз нафақа ман безор // Бигиз. –1937. – №1. – С.7.
[6] Азизӣ, Б. Ҷалил қиморбоз чӣ мегӯяд? // Мушфиқӣ. –1937. – №3. – С. 2.
[7] Азизӣ, Б. Хушомадчӣ // Мушфиқӣ. –1937. – №8. – С. 5.

Унвони фасли дуюми боби сеюми диссертатсия **«Таносуби воқеият ва бадеият дар осори ҳаҷвии Баҳриддин Азизӣ»** буда, дар он хусусиятҳои воқеӣ ва бадеии осори публитсистии Баҳриддин Азизӣ бо назардошти дараҷаи корбурди санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақолҳо мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳикояҳои воқеии адиб «Як қубба кӯкнорӣ», «Аз масҷид ба клуб», «Булбул аз хонаи ҷинқарча» ва ғайра аслан руҳияи воқеӣ дошта, дар онҳо масоили муҳимми рӯз – мубориза бо боқимондаҳои феодалӣ, мутобиқ шудан ба сиёсати замони нав, нишон додани симои аслии душманони сиёсӣ инъикосу баррасӣ шудаанд. Прототипи қаҳрамонони ин асарҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ ҷустуҷӯ намудан мумкин аст. Аз ҷумла, қаҳрамонони ҳикояҳои «Сартароши сергап», «Таҷриба», «Корди меҳтарҳо ба болои равған» шахсони воқеӣ буда, бо амалҳои худ муаммо ва мушкилии ҷомеаро фош мекунанд ва ҳамчунин бо мавқеашон бар муқобили қаҳрамонҳои манфӣ қарор мегиранд.

Б. Азизӣ ҳамчун фарзанди замон дар густариши ғояҳои сотсиалистӣ ва сиёсати давлатӣ дар канор набудааст. Чунончи, адабиётшинос А. Сайфуллоев қайд менамояд, ғояи эҷодии адибони солҳои бистуми қарни XX, аз ҷумла Баҳриддин Азизӣ тарғиби гуманизми сотсиалистӣ дар ҳаёт ва адабиёт будааст[1].

Дар ҳикояҳои «Қурбонӣ», «Мазор», «Қуръачӣ», «Бори зарурӣ», дар омехтагии жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ – фелетон эҷод гардидаанд, масоили иҷтимоӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Тавре ишора шуд, дар аксари ҳикояҳо Б. Азизӣ худ қаҳрамон аст ва мушкилоти ҷомеа аз забони ӯ нақл карда мешавад. Бо чунин тарз иншо кардани ҳикоя матлабро ба жанрҳои публитсистӣ наздик намуда, мавқеи муаллифро равшантар кардааст. Ҳикояҳои «Сартарош»[2], «Кӣ полвон?»[3] ва «Таҷриба»[4] аз қабили чунин асарҳо маҳсуб мешаванд.

Ҳикояҳои Баҳриддин Азизӣ аз ҷиҳати сохт низ ҷолибанд. Нависанда тамоми паҳлуи як мавзуъро ба таври динамикӣ ва дар алоқамандии ҳамдигарӣ ба шакл медарорад. Дар ин зимн ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ А. Усмонов аст, ки навиштааст: «қаҳрамонони мусбати аксар ҳикояҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ ва Баҳриддин Азизӣ, ки низ маҳсули солҳои сиюм аст, хусусияти эпизодӣ дошта, вале ба маънои томи сухан чун тасидиққунандагони ҳақиқати ҳаёту маҳкумкунандагони қабоҳати он баромад менамуданд»[5].

Мавриди таъкид аст, ки дар адабиёт ва публитсистикаи солҳои бистум эҷоди номҳои хос маъмул будааст. Масалан, Раҳим Ҷалил ба образҳои ҳаҷвии ҳикояҳояш Ҳоҷиҳафтияк, Шубҳабоев, Хушомадхоҷа ва Саломати сатанг ном ниҳодааст. Ҷалол Икромӣ бошад образҳои ҳаҷвии Эшони Ҳуштак, Ҳушёрзода, Мансурхоҷаи Ку-ку ва ғайраро дар ҳикояҳои ҳаҷвиаш истифода намудааст. Баҳриддин Азизӣ низ аз ин услуб кор гирифта, номҳои худсохти ҳаҷвиро ба мақсади танқиди афроди маълуми соҳибвазифа ва ё намояндаи дину мазҳаб,

---

[1] Сайфуллоев, А. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1984. – С. 224.
[2] Азизӣ, Б. Сартарош // Раҳбари дониш, 1930. №10-11-12. – С. 18-20.
[3] Азизӣ, Б. Кӣ полвон // Бигиз, 1936. – №8-9. – С. 2-3.
[4] Азизӣ, Б. Таҷриба // Бигиз, 1936. – №3. – С. 2-3.
[5] Усмонов, А. Маҷмуаи осор. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 57.

муайян кардани хислати қаҳрамонҳо ва муносибати онҳо ба сохти нави давлатдориву талаботҳои он, ошкор кардани одат ва амалҳои пасипардагии ашхос истифода намудааст. Дар ҳикояи «Ҳасанзадагӣ» номҳои Муллоҳасрат, Раҷаб ширӣ, Шоқӯлхалифа, дар «Як қубба кӯкнорӣ» номҳои Домуллокаҷкӯл, Сумалакмахсум, Лӯкидонхӯҷа, Гоҷалакмирзо, дар «Бори зарурӣ» қаҳрамонҳо бо унвони Худписандов, Хушомадов, дар «Зани директор» номҳои Ҳардамхаёлов ва Маҳтоббегим истифода шудани номҳои сохта далели ин гуфтаҳоянд. Тавре муҳаққиқ Аҳмадҷон Усмонов навиштааст: «Номҳои ҳаҷвӣ на танҳо баъзе ҷиҳатҳои хислати персонажро аниқ менамояд, балки дар ҷамъият ва муносибатҳои иҷтимоӣ чӣ гуна шахс будани онҳоро низ аён мегардонад» [1].

